10 06 2019

**28 май дар шахри Душанбе Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир" - и Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистонро дар фазои тантанавӣ мавриди истифода карор доданд.**

Бинои гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир"-и Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон аз се корпуси дуошёна иборат буда, дар масохати 1360 метри мураббаъ комат афрохтааст ва дорои синфхонаю китобхонаи бархаво ва хобгоххои замонавӣ мебошад.

Президенти мамлакат, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон нахуст аз хобгоххои хонандагони гимназия дидан намуда, бо шароити истирохату фарогати таълимгирандагон аз наздик шинос шуданд.

Барои таълимгирандагони ин муассисаи таълимӣ, ки аксарият аз шахру нохияхои дурдасти мамлакат мебошанд, бо дастури Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар гимназия 8 хобгох бо шароити муосиру замонавӣ бунёд карда шудааст.

Зикр гардид, ки дар гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир" - и Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон хамасола то 100 нафар баъди хатми синфи 9 ба таълим фаро гирифта мешавад ва бештари хонандагони ин даргохи илму маърифатро нафарони нимятим ва ятимони кулл ташкил медиханд.

Омӯзиш дар ин гимназия, асосан, ба забони точикӣ ба рох монда шудааст ва ба таълиму тарбияи хонандагон 14 нафар омӯзгори гайринизомӣ низ аз фанхои гуногун дарс мегӯяд.

Зимни шиносоии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо шароити мачлисгохи гимназияи харбӣ, иттилоъ дода шуд, ки он барои 70 чойи нишаст сохта шудааст ва чихати баргузории чамъомаду чорабинихои гуногуни дохилӣ хеле мувофику муносиб мебошад.

Дар гимназия барои огохии бештар пайдо кардани хонандагон аз таърихи пургановати миллати точик ва фидокорихои фарзандони фарзонаи Ватан дар рохи хифзи марзу

буми ачдодӣ ва арзишхои миллӣ, осорхона сохта шуда, дар он ёдгорихои таърихӣ, асархои пурарзиш, аксхои нодир аз хаёти кӯдакӣ, наврасӣ ва чавонии Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон гирдоварӣ гардидаанд.
Гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир" - и Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон дорои синфхонахои лингафонӣ, омӯзиши забонхои англисию чинӣ, туркӣ ва русӣ буда, хонандагон имкон доранд, ки нозукихои ин забонхоро аз устодони ботачриба аз бар намоянд.
Тахсил дар гимназия ду сол буда, хатмкунандагони он имкон доранд, ки дар асоси шартномаи дутарафа, дар самти омода намудани мутахассисони сархадӣ, тахсили минбаъдаро дар муассисахои олии харбии дохил ва хорич, аз чумла Федератсияи Россия, Чумхурии Мардумии Чин, Чумхурии Казокистон, Чумхурии Озарбойчон, идома диханд.
Иттилоъ дода шуд, ки барои тахсилкунандагони аълохон дар гимназия дар самти интихоби кишвари оянда бо максади идома додани тахсил имтиёзхо низ пешбинӣ гардидаанд.
Дар гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир" - и Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, хамчунин, барои хонандагон китобхонаи бархаво мухайё карда шудааст, ки таълимгирандагон метавонанд аз адабиёти гуногунмазмуни он ба таври васеъ истифода кунанд.
Ошхонаи бархавои муассисаи таълимии харбӣ, ки барои 130 нафар пешбинӣ гардидааст, чавобгӯ ба талаботи замон мебошад.
Атрофи гимназияи харбии ворисони "Куруши Кабир" бо нихолхои хамешасабз ва гулу буттахои гуногун оро ёфта, бо максади чалби хонандагон ба солимгардонӣ ва обутоби бадан, майдончаи варзиш бо шароити хуб сохта шудааст.
Дар назди гимназия ба хотири таъмини хонандагон бо махсулоти тару тоза гармхона бунёд гашта ба таври васеъ истифода бурда мешавад.
Президенти мамлакат, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон пас аз шиносоӣ бо шароити таълиму тарбияи насли наврас дар гимназия, ба сифати корхои анчомшуда бахои баланд дода, ба масъулон чихати истифодаи пурсамар аз имконоти мухайёгардида ва таълиму тарбияи хонандагон дар рӯхияи ватандӯстиву хештаншиносӣ дастуру хидоятхои судманд доданд.